**Фармоиш**

Дар бораи тасдиқ намудани
Дастурамал «Оид ба гузаронидани
санҷишҳои андоз»

Мутобиқи муқаррароти қисми 8 моддаи 28 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал «Оид ба гузаронидани санҷишҳои андоз» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рузномаи «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишорӣ расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Назорати иҷроиши Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Н. Давлатов